*ТДУ 371.01*
*ТКБ 74.200*

***ДОИР БА БАРХЕ МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ҲАЁТИ ФАЪОЛ ВА ОГОҲОНАИ МАКТАББАЧАГОН***

***Раҳматуллоев Набиҷон Разоқович,*** *саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии тарбияи ҷисмонии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***О НЕКОТОРЫХ ГЛАВНЫХ ВОПРОСАХ ФОРМИРОВАНИЯ АКТИВНОЙ И СОЗНАТЕЛЬНОЙ ЖИЗНЕННОЙ ПОЗИЦИИ ШКОЛЬНИКОВ***

***Рахматуллаев Набиджон Разакович,*** *старший преподаватель общеуниверситетской кафедры физкультуры ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***ON CERTAIN MAIN ISSUES CONCERNED WITH FORMATION OF AN ACTIVE AND CONSCIOUS LIFE POSITION OF STUDENTS***

***Rahmatulloev Nabijonov Razaqovich,*** *senior teacher of the all-university department of physical education under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail***: *rahmatulloeva_86@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *мавқеи фаъолонаи ҳаёт, шуур, донишҳои китобӣ, донишҳои ҳаётӣ, тарзи ҳаёти бошуурона, иттилоот, ташкил ва технологияи компутерӣ, саводнокии компутерӣ*

*Дар мақолаи мақоми шуур ва тарзи ҳаёти бошуурона дар ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаёти одам-гурӯҳи иҷтимоии ҷомеа мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар ҳамин замина ташаккули мавқеи фаъолона ва бошууронаи мактаббачагон мадди назари муаллиф қарор гирифтааст.*

*Нақш ва ҷойгоҳи донишҳои ҳаётӣ ва китобӣ, мавқеъ ва мақоми китоб, китобхона, китобхонӣ, шавқу рағбат нисбат китобхонӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар як вақт нақш ва мақоми иттилоотии соҳаҳои гуногуни ҳаёт, саводнокии компутерӣ, техника ва технологияи иттилоотӣ мавриди тадқиқ гардидааст. Дар ташаккули мавқеи фаъолона ва бошууронаи ҳаётӣ мақоми илму маориф, ҳамкории судманди байни онҳо, нақш ва ҷойгоҳи навгониҳои илмӣ, ҳамкории судманди байналмилалӣ дар соҳаи илму маориф ҳамчун заминаи пешравии аҳли башар дар ин самт арзёби гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *активная жизненная позиция, сознание, книжные знания, жизненные знания, сознательный образ жизни, информатизация сферы образования, информационная техника и технология, компьютерная грамотность*

*В статье анализируется роль сознания и сознательного образа жизни в формировании активной жизненной позиции человека-социальной группы-общества. На этой основе в центре внимания автора находится проблема формирования активной и сознательной жизненной позиции школьников.*

*В связи с этим раскрываются роль и место жизненных знаний, книжных знаний, роль и место книги, библиотеки, чтения книг, формирования интереса и потребности к чтению книг. Вместе с тем также анализируются роль и место информатизации различных сфер жизни, компьютерной грамотности, информационной техники и технологии. В формировании активной и сознательной жизненной позиции немаловажной значение имеют наука и образование, их рациональная интеграция, научные инновации, рациональное международное сотрудничество в этих сферах как основа продвижения человечества в данном направлении.*

***Key words:*** *active life position, consciousness, book knowledge, life knowledge, conscious lifestyle, informatization of sphere of education, informational technics and technology, computer literacy*

*The article under consideration dwells on the role of consciousness and conscious lifestyle in formation of an active life position of a person-social group-society. Proceeding from this consideration, the author focuses on an active and conscious life position of schoolchildren formation.*

*In reference to it, the role and place of life knowledge, book knowledge, the role and place of a book, library, reading books, interest and need for reading books are disclosed. At the same time, the role and place of informatization of various spheres of life, computer literacy, information techniques and technologies is revealed as well. In the formation of an active and conscious life position, role and place of science and education, their rational integration and role and place of scientific innovation, rational*

*international cooperation in the field of science and education are considered as the basis for the advancement of mankind in the relevant streamline.*

Мутобиқшавии одам ба муҳити атроф мустақиман аз фаъолияти шуури одам вобаста аст. Барои ҳамин ҳам ташаккули шуур яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар ин самт маҳсуб меёбад. Пас худи шуур чист? “Шуур, яке аз мафҳумҳои асосии фалсафа, равоншиносӣ ва социология, ки дараҷаи олии фаъолнокии психикаи одамро ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ ифода мекунад. Хусусияти ин фаъолнокӣ аз он иборат аст, ки инъикоси воқеият дар шакли образҳои ҳиссӣ ва зеҳнӣ амалҳои одамро пешакӣ фаҳмида ба он характери мақсаднок медиҳад” [4, с.622]. Агар инсон ҳама амалҳои худро тибқи пешниҳоди ақл, шуур иҷро намоянд, пас ба натиҷаҳои баланд дар фаъолияти ҳаётии худ ноил мегарданд. Аз ин лиҳоз ташаккули шуур аз замонҳои қадим диққати олимонро ба худ ҷалб менамояд. Барои ташаккули шуур ба одам чунин омилҳои биологӣ амсоли мағзи сар, тани солим ва омилҳои иҷтимоӣ амсоли таҷрибаи иҷтимоӣ, дониш ва малака лозим аст. “Бинобар ҷой доштани инқилоби илмиву-техникӣ ва торафт афзун гардидани иттилоот одам аз синни хурди бачагӣ маҷбур аст, ки ҳаҷми зиёди маълумотро дар бораи олами атроф азхуд намояд. Муайян карда шудааст, ки дар чор соли аввали ҳаёт 50%, ва дар 8-солагӣ боз 30% ақли одам ташаккул меёбад[2, с.48].Аз рӯи ин нишондодҳо маълум мегардад, ки тарбияи томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ то ба кадом андоза нақш ва ҷойгоҳи муҳимро дар ташаккули ақлии бачагон ишғол менамоянд. Вобаста ба ин ташаккули шуурро ба таври зайл тасвир намудан мумкин аст.




***Расми №1. Омилҳои биологӣ ва иҷтимоии ташаккули шуур***

Ташаккули шуур тавассути аз ҷониби инсон азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, донишу маҳорат ба вуқӯъ меояд. Таҷрибаи иҷтимоӣ ин донишҳои ҳаётиро инсон мустақиман аз худи ҳаёт меомӯзад. Дар ин бобат Рӯдакии бузургвор фармудааст:

***Бирав зи таҷрибаи рӯзгор бахра бигир,***
***Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба корояд*** *[4, с.60].*

Аз ин лиҳоз инсонро ба омӯзиши ҳаёт даъват намудани Рӯдакӣ бесабаб нест, зеро худи ҳаёт омӯзгори бузург аст. Аммо барои инсон боз донишҳои китобӣ низ зарур аст. Дар ин бобат низ ба ашъори Рӯдакии бузургвор рӯ меоварем:

***То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,***
***Кас набуд аз рози дониш бениёз.***
***Мардумони бихирад андар ҳар замон,***
***Роҳи донишро бо ҳар гуна забон***
***Гирд карданду гиромӣ доштанд,***
***То ба санг андар ҳаме бингдоштанд.***
***Дониш андар дил чароғи равшан аст,***
***В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст*** *[4, с.52].*

*Аз ин гуфтаҳо якчанд хулосаи муҳим бармеояд:*

Якум – дониш бо баробари пайдоиши одаму олам арзи вуҷуд дорад. Дуюм – дар кашф намудани донишҳои илмӣ олимони тамоми дунё саҳм гузоштаанд; савум – дониш ганҷинаи бебаҳо буд ва ҳаст, аз ин рӯ онро ҳамеша гиромӣ медоранд; чаҳорӯм – дониш машъали фурӯзон аст, ки инсонро ба равшанӣ, ба некӣ раҳнамо месозад ва аз ҳар гуна офату хатарҳо чу ҷавшан эмин медорад. Дар маҷмӯъ, донишҳои ҳаётӣ ва донишҳои илмӣ-китобӣ имкон медиҳанд, ки инсон ташаккули шуури худро ба таври бояду шояд ба роҳ монад. Инсон аз ин лиҳоз ҳамеша бояд аз дониш баҳраманд гарданд ва фаъолияти худро дар асоси нишондоди дониш, ақл, хирад ташкил намоянд. Аз ин рӯ шахс қадру қиммати донишро, арзиши маънавию руҳии онро пеш аз

ҳама васеъ ва чуқур дарк намоянд. Ақлу хирад ва заковати инсон туфайли дониш пурқувват мегардад. Барои ҳамин ҳам дар миқёси кишвар, шаҳру ноҳия,оилаю мактаб қадру арзиши китоб, китобхона ва китобхонӣ ба арсаи олӣ бояд бардошта шавад. Зеро китоб ганҷинаи бебаҳои маънавӣ-руҳӣ маҳсуб меёбад. Ва беҳуда Ҷомии бузургвор нафармуда буд:

***Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,***
***Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.***
***Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,***
***Сад роҳат ҳасту ҳаргиз озоре нест*** *[6, с.402].*

Ва боз ҳам Ҷомӣ мегӯяд:

***Аниси кунҷи танҳои китоб аст,***
***Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.***
***Бувад бемузду миннат устоде,***
***Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде*** *[6, с.372-373].*

Меҳру муҳаббати бачагонро нисбат ба китоб аз хурдсолӣ ташаккул додан лозим аст, то дар оянда онҳо чун инсони китобдӯст ба воя расонд. Зеро мақоми китоб, китобхона ва китобхонӣ дар ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаёти инсон хеле бузург аст [6, с.9]. Зеро китоб ба инсон роҳи дурусти ҳаётро нишон медиҳад. Барои ҳамин ҳам аввал худи тарбиядиҳандагон худашон ҳамчун намунаи ибрат бояд китобдӯст бошанд. Пеш аз ҳама оила ва мактаб ба китоб, китобхона, китобхонаи бачагон шароит фароҳам оварданашон лозим аст. Зеро оғози кор аз оилаю мактаб, аз ҳамкории судманди онҳо мустақиман вобаста аст. Ба масъалаи технологияи омӯзиши китобу китобхонӣ эътибори махсус бояд дод. Дар айни замон китоб на танҳо манбаи дониш ба ҳисоб меравад, балки донишу китоб дар ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаёти инсон нақш ва ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд.

Алҳол ояндаи инсонро бидуни иттилоот, техника ва технологияи иттилоотӣ тассавур кардан имконнопазир аст. Иттилоотонии ҷомеа ва тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон яке аз муаммоҳои мубрами ҳаёти имрӯза маҳсуб меёбад. Соҳаҳои маориф, илм, истеҳсолот, техника, тансиҳати ва тамоми дигар соҳаҳои ҳаёти инсон бо техника ва технологияи иттилоотӣ бояд муҷаҳҳз карда шавад. Ин заминаи моддию техникӣ барои ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ мебошад, ки барои бошуурона амал намудани инсон шароит фароҳам меоварад. Дар маҷмӯъ, ҳамаи инро бе саводнокии компютерии инсон тассавур кардан имконнопазир аст. Дар ин самт мақоми омӯзгорони фанни технологияи иттиллотӣ ва баъдан дигар омӯзгорон, ки онҳо низ ҳангоми таълими фанни худ аз техника ва технологияи иттилоотӣ самаранок истифода мебаранд, бузург аст. Зеро маҳз онҳо дараҷаи саводнокии компьютерии наслҳои имрӯза ва ояндаро муайян менамоянд. Аз ин лиҳоз компютеркунонии соҳаи маориф яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Дар ин бобат Б.С.Гершунский хеле бамаврид таъкид менамояд. "Зарурати воқеӣ баланд бардоштани самаранокии таҳсилот гоҳ-гоҳ ба вайрон намудани номураттаб дар истифодаи воситаҳои ташкили меҳнатии ҳама субъектҳои фаъолияти таҳсилотӣ – хонандагон, омӯзгорон, кормандони соҳаи идоракунӣ оварда мерасонад. Дар қатори чунин воситаҳо, ҳамандоза, чӣ тавре ки баҳо медиҳанд, ба дараҷаи аҳамияти худ бо ҷорӣ намудани хат ва китобчопкунӣ ва ба тағйироти кулли тасаввуроти дар тӯли асрҳо вуҷуддошта оид ба вазифаҳои меҳнатӣ ҳама аъзои таҳсилот даъвогар, бояд воситаҳои гуногуни техника ва технологияи компютерӣ ва иттилоотиро мансуб донист" [2, с.327].Барои ҳамин ҳам бояд махсус қайд намуд, ки иттилоотикунонии соҳаи таҳсилот барои ташаккули саводнокии компютерии мутахассисони оянда мусоидат менамояд.

Саводнокии компютерӣ дар ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаёти одам-гурӯҳҳои иҷтимоӣ-ҷомеа нақш ва ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Мактаб, оила, коргоҳ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳатталимкон бояд бо техника ва технологияи компютерӣ ва иттиллотӣ муҷаҳҳаз бошанд. Ташкили марказҳои хизматрасонии компютерӣ, пайвастшавӣ бо Интернет, истифодаи самараноки почтаи электронӣ, телефони мобилӣ, ташкили китобхонаи электронӣ аз ҷорабиниҳои фаврӣ ва таъҷилӣ дар ин самт бояд ҳисобида шаванд. Дар миқёси кишвар, шаҳру ноҳия иттилоотонии ҳаёти ҷомеа бояд яке аз масъалаҳои асосӣ ҳисобида шавад. Дар арсаи байналмиллалӣ низ ин масъала яке аз масъалаҳои тақдирсоз дар ҳаёти инсон ва ояндаи инсоният, аҳли башар ҳисобида шавад. Танҳо дар ҳамин доира ташаккули саводнокии компютерии мактаббачагон ҳамчун заминаи дар онҳо ташаккул додани мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ бояд мадди назар гардад. Пеш аз ҳама мактаббачагон аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсии

дониш, маҳорат ва малакаи компютерӣ ва дар маҷмӯъ саводнокии компютериро дар ҳаёти имрӯза ва ояндаи худ дарк намоянд. онҳо танҳо бо азхуд намудани дарсҳои фанни информатика маҳдуд нагардида, тавассути курсҳои иловагӣ ва худомӯзӣ дараҷаи саводнокии компютерии худро баланд бардоранд. Барои ин шуурнокӣ ва фаъолнокии онҳоро дар ҳаллу фасли вазифаҳои зикргардида падару модар ва омӯзгорон ба зери назорат гиранд. Худи онҳо бо дараҷаи баланди саводнокии компютерӣ барои бачаҳо намунаи ибрат гарданд ва ҳамарӯза барои азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳои компютерӣ ёрӣ расонанд. Дар ин маврид низ ҳамкории мактабу оила судманд аст. Ҳамчунин муоширати бачагонро бо компютер аз рӯи қоидаҳои қабулгардида, тартиби муайяни корӣ ва қоидаҳои бехатарӣ роҳандозӣ намудан лозим аст.

Илм қувваи пешбарандаи ҳаёти ҷомеа мебошад. Кишварҳои пешққадами дунё барои инкишофи илм маблағҳои зиёдро беҳуда масраф намекунанд. Зеро илм ҳаёти моддиву маишӣ ва маънавӣ руҳии инсонро аз дидгоҳи назариявӣ мавриди баррасӣ менамояд. Ҳама соҳаҳои фаъолияти одам ба навгониҳои илмӣ ниёз доранд, зеро навгониҳои илмӣ барои самаранок гардонидани ҳаёти инсон нигаронида шудааст. Дараҷаи шуурнокӣ, инкишофи ақлии одам аз ин лиҳоз аз илм вобастагии калон дорад. Пас худи илм чист? “Илм, соҳаи фаъолияти инсонӣ буда, вазифаи он коркард ва ба низом даровардани донишҳо доир ба воқеият. Дар рафти инкишофи таърихӣ илм ба қувваи истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ ва институти муҳими иҷтимоӣ табдил меёбад” [2, с.403]. Донишҳои илмӣ предмет ва ҳодисаҳоро ҳаддалимкон аниқу дақиқ ва аз рӯи мантиқ инъикос ва баён менамоянд. Донишҳои илмӣ характери назариявӣ дошта бештар бо мафҳумҳо сарукор доранд. Алҳол ҷабҳаҳо, тарафҳои гуногуни илм аз ҷониби соҳаҳои гуногуни он амсоли таърихи илм, мантиқи илм, иҷтимоиёти илм равоншиносии эҷодиёти илмӣ ва алалхусус илмшиносӣ, ки ҷабҳаҳои гуногуни онҳо мавриди омӯзиш қарор додааст басуръат густариш ёфта истодааст.”Ба маънои нисбатан васеъ дар зери мафҳуми илмшиносӣ “соҳаи таҳқиқотӣ, ки қонуниятҳои фаъолият ва инкишофи илм, сохт ва моҳияти фаъолияти илмӣ, якҷоя амал намудан ва ҳамкории илм бо дигар институтҳои иҷтимоӣ ва соҳаҳои ҳаёти моддӣ ва руҳии ҳаёти иҷтимоӣ мавриди баррасӣ мегардад, фаҳмида мешавад.” [3, с.347]. Одам бояд қувваи бузурги илм, кашфиётҳо ва навгониҳои илмиро дарк намуда, барои густариши он шароитҳои моддию техникиро фароҳам оваранд. Аз ин лиҳоз дар ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ нақш ва ҷойгоҳи илм бағоят бузург аст, зеро илм қудрати беҳтар намудани ҳаёти инсон ва инсониро доро мебошад. Аз ин нуқтаи назар дар мактаббачагон бедор намудани шавқу завқ ва рағбатноки нисбат ба илм ва илмомӯзӣ шарти муҳими дар онҳо ташаккул додани мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ ба ҳисоб меравад. Мактаббачагонро дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти олимон, мутафакирони бузург бояд таълиму тарбия дод.

Вақтҳои охир дар ҳамаи кишварҳо ба таълим ва тарбияи бачагони болаёқат, росто соҳибистеъдод эътибори махсус дода шуда истодааст. Дар ин Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест. Барои ин гуна бачагон мактабҳои махсус бо ҳайати устодони баландихтисос ва шароитҳои моддӣ-техникӣ ва таҳсилотии дараҷаи баланд таъсис дода шуда истодааст, ки ин эътибори ҷиддӣ нисбат ба воя расонидани кадрҳои баландихтисоси илмӣ маҳсуб меёбад. Ҳамкориҳои байналмиллалии илмӣ тавассути ташкил ва гузаронидани ҳамоишҳо ва анҷуманҳои илмӣ, гузаронидани олимпиадаҳо, озмунҳои илмӣ ва дигар чорабиниҳои зарурии илмӣ имкони такон додани фаъолияти илмӣ ва таълимию таҳсилотӣ дар арсаи байналмиллалӣ мебошад. Яке аз самтҳои муҳим дар ин раванд ташвиқу тарғиби дастовардҳои нави илмӣ ва навгониҳои илмӣ дар соҳаҳои гуногуни илм мебошад. Барои ин ҳама намудҳои китобхонаҳо бо китобҳои нав ба нави илмӣ ва илмӣ-техникӣ бояд таъмин карда шаванд. Омода намудани мактаббачагон нисбат ба дастрасӣ ба навгониҳои илмӣ шарт ва зарур аст, ки онҳо забонҳои хориҷиро ва алалхусус забонҳои русию англисиро ба таври бояду шояд азхуд намоянд ва дар мавриди ошноӣ пайдо намудан бо навгониҳои илмӣ аз техникаи компютерӣ, интернет ва умуман аз техника ва технологияҳои иттилоотӣ ба таври бояду шояд истифода бурда тавонанд. Ҳар як омӯзгори фаннӣ дар самти ташаккули шавқу завқ нисбат ба илмомӯзии мактаббачагон ва шинос намудани онҳо бо навгониҳои илмӣ худ бояд саҳмгузор бошад. Нашри адабиёти илмӣ махсус барои наврасон ва ҷавонон дар ин самт талаботи давру замон аст. Таъсиси маҳфилҳои илмӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои беруназмактабӣ барои ҷалб намудани бачагони болаёқат ба илм имкон медиҳад, ки ин гуна бачагон аз хурдсолӣ, аз ҷиҳати илмӣ ба таври бояду шояд ба воя расонида шаванд.

Соҳаи илм бо соҳаи маориф алоқаи бевосита дорад. Соҳаи илм "ғизодиҳандаи" соҳаи маориф мебошад. Зеро мактабу маориф ҳамеша ниёз ба донишҳои илмӣ доранд. Донишҳои илмӣ асоси ҷаҳонбинии илмиро ташкил медиҳад. Тарбия ва таълим ҳам дар асоси илм бояд ки ба роҳ монда шавад. Аммо соҳаи илм ҳам дар навбати худ аз соҳаи маориф вобастагии калон дорад. Густариш ва рушду нумӯи илм аз дараҷаи салоҳиятнокии касбии ходимони илмӣ вобаста аст. Илм чӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва чӣ аз ҷиҳати дар амал татбиқнамоӣ аз салоҳияти касбии мутахассисони соҳаҳои илм, маориф ва истеҳсолот вобаста аст. Барои ҳамин ҳам соҳаҳои илму маориф қувваи азими пешбарандаи соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг ҳисобида мешаванд. Аммо соҳаи маориф соҳаи ояндасоз ва тақдирсози инсону инсоният маҳсуб меёбад. Дар ин бобат Б.С.Гершунский чунин ақида дорад: "Бо омад омади асри XXI мубрамият ва аҳамияти махсусро таҳлили он тамоюлҳои ҷаҳонӣ, ки дар асри XX ба вуҷуд омада, дар садсолаи оянда метавонанд идома ёбанд, бо ин дар як вақт даъват ба тамаддуни инсонӣ, даъват нисбат ба қобилияти муқобилат карда тавонистан ба тамоюлҳои вайронкунанда ва нигоҳ дошта тавонистани тамоюлҳои бунёдкорона, мутараққӣ, касб менамояд. Ин даъват ба соҳаи маориф муносибати бевосита дорад, ки он бояд мақсаду вазифаҳо ва арзишҳои аввалиндараҷаи худро бо дарназардошти на танҳо дархостҳои имрӯза, балки оянда ва дарозмуддати ҳам инсон ва ҳам ҷомеа мавриди назар намуда, ислоҳ намояд" [2, с.13].

Маҳз тавассути таҳсилот, таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти касбӣ одам метавонад дар худ мавқеи фаъолонаи ҳаётиро ташаккул диҳад. Танҳо тавассути мавқеи фаъолонаи ҳаёти одам метавонад пеши роҳи тамоюлҳои вайронкунадаро гирифта, дар як вақт тамоюлҳои бунёдкоронаро афзоиш ва густариш дода, тамаддуни инсониро пеш баранд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар дар мактаббачагон ташаккул додани мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ мавриди назар гардад. Дар ин самт мавқеъ, нақш ва ҷойгоҳи таҳсилот умуман ва таҳсилоти умумӣ ва касбӣ алалхусус муҳим аст. Мактаббачагон пеш аз ҳама аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсии таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти касбиро дарк намоянд. Нақш ва ҷойгоҳи онро дар ҳаёти имрӯза ваояндаи худ бошуурона дарк намояд. Дар мактаббачагон пеш аз ҳама шавқу завқ, рағбатноки нисбат ба хондан ташаккул дода шавад.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Бениаминова, М.В. Воспитание детей/М.В. Бениаминова.– М.: Медицина, 1981. – 287с.
2. Гершунский Б.С. Философия образования/Б.С.Гершунский.–М.: Московский психолого-социальный институт, Флинта, 1988. – 432с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019 13.02, шаҳри Душанбе
4. Рӯдакӣ, А. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухан ҳавошии Қодири Рустам/А.Рӯдакӣ.- Олмотӣ, 2007.- 256 с.
5. Философский энциклопедический словарь / Гл. редакция: Л.Ф.Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М.Ковалев, В.Г.Понов – М.: Сов. Энциклопедия, 1983 – 840с.

## REFERENCE:

1. Beniaminova, M.V. Children`s Upbringing/M.V.Beniaminova.-M.: Medicine, 1981. – 287 p.
2. Gershunsky, B.S. Philosophy of Education/B.S.Gershunsky.–M.: Moscow Psychologico-Social Institute, Flinta, 1988. – 432 p.
3. The Message of the Tajikistan Republic President, Leader of Nation E.Rahmon to the Majlisi Oli of Tajikistan Republic, 26.12.2019 13.02, - Dushanbe,
4. Rudaki, A. Divan. Prepared, enlarged and revised by Kodiri Rustam/A Rudaki.–Almaty, 2007. – 256 p.
5. Philosophical Encyclopedic Dictionary /editor-in-charge: L.F. Ilyichev, P.N. Fedoseev, S.M. Kovalev, V.G. Ponov - M.: Modern Encyclopedia, 1983. – 840 p.